# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯи иҳтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) пешниҳод шудааст

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ. Мавзуи диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр оид ба баррасии масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Бояд зикр намуд, ки дар марҳилаи кунунии рушди муносибатҳои оид ба иҷораи молиявӣ (лизинг) мувофиқ ба талаботи қонунгузорӣ ба шартномаи лизинг асос ёфта, ба субъектони истеҳсолкунанда аз нуқтаи назари иқтисодию ҳуқуқӣ ҳамчун чораҳои ҳавасманднамоӣ, ба монанди бо фоизҳои паст харидорӣ кардани молу мулк, ба даст овардани фоида аз истифодабарӣ ва монанди инҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Низоми густаришёбандаи муносибатҳои муомилотӣ низ аз бархӯрд бо мушкилотҳое, ки дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба вуҷуд омадаанд, эмин нигоҳ доштан хеле душвор аст. Бо дарки аҳаммияти муҳими муомилоти ҳуқуқи маданӣ дар бештари мавридҳо ба воситаи шартномаҳо ба амал бароварда шуда, бо ин асос муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ инкишоф меёбанд, ҷомеа ба тарзи дурусти амалишавии ин падида таваҷҷуҳи махсус медиҳад, ки қисми назарраси онро шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ташкил медиҳанд.

Рушди муносибатҳои иқтисодӣ аз он ҷумла муносибатҳо оид ба иҷораи молиявӣ зарурият ба вуҷуд меорад, ки сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ки назорати муомилоти маданиро амалӣ мекунанд, фаъолияти худро бо дигаргуниҳои бавуҷудомада мутобиқ гардоданд.

Вобаста ба ин, новобаста аз ҷой доштани мушкилотҳои инкишофи падидаи лизинг дар дигар самтҳои фаъолияти ҷамъиятӣ, дар ҳудуди мамлакати мо дар бештари ҳолатҳо институти мазкур дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус воридсозии техникаҳои кишоварзӣ татбиқ карда мешавад. Ҳол он, ки давоми солҳои охир ба ғайр аз соҳаи кишоварзӣ дар дигар самтҳо, масалан воридсозии воситаҳои нақлиёти барқӣ аз ҳудуди давлатҳои ҳамсоя падидаи мазкур истифода шуда истодааст. Ҳалли ин масъалаҳо бидуни истифодаи воситаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ ғайриимкон аст.

Бо вуҷуди ин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи

молиявӣ (лизинг)» баъзе камбудиҳо ҷой доранд, яъне қонунунгузории мазкур дарбаргирандаи на ҳамаи иштирокчиёни муомилоти маданӣ оид ба иҷораи молиявӣ мебошад, ки дурустии амалишавии муомилоти маданиро мушкил месозад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи муқаррар намудани масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон мубрам ба ҳисоб меравад.

Навгониҳои таҳқиқот шубҳае ба вуҷуд намеорад, зеро дар он таҳқиқоти ҳамаҷонибаи масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муназзам бо таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории иҷораи молиявии давлатҳои хориҷӣ, таҳлили мафҳуми иҷораи молиявӣ, моҳияти он ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуи номбурда, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Навовариҳои кори мазкур дар ҳулоса ва пешниҳодоте, ки муаллиф ба ҳимоя пешниҳод кардааст, ба таври возеҳ ифода ёфтаанд.

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур бо усули илмӣ ва таҳлили ҳаматарафаи масъалаҳо анҷом дода шудаст. Муаллиф тавонистааст, ки ба таври муфассал ва амиқ ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқии мадании вобаста ба иҷораи молиявро баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои боэътимод ва асоснок даст ёбад. Ин тадқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххаси дақиқи илмӣ метавонад ҳамчун манбаи боэътимоду судманд барои такмилу ғанӣ гардонидани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» дар самти масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Ҳамчунин, натиҷаҳои ин таҳқиқот метавонанд дар амалияи фаъолияти мақомоти судӣ ва дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои ҳуқуқӣ дар ин самт саҳми назаррас гузоранд.

Дар баробари тарафҳои мусбии таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар ҷараёни таҳлил се марҳилаи асосии рушди падидаи иҷораи молиявиро ҷудо намудааст:

- замони пайдоиши амалиётҳои лизингӣ (асри XIX);
- замони пайдоиши аввалин ташкилоти лизингӣ (асри XX, аниқтараш соли 1952);
- замони рушду инкишофи падидаи лизинг (баъди солҳои 60-уми асри XX).

Ба андешаи мо, муаллиф дар кори худ ҳангоми бароmad камеҳам бошад аз қонунгузории даврони Шӯравӣ яъне пеш аз соли 1991 батарики

мушаххастар ба мазмуну моҳияти он равшанӣ меандохт, аз манфиат холӣ набуд.

Новобаста аз эродҳои қайдшуда, бояд таъкид кард, ки муаллиф тадқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додааст. Ин кор бо тарзи эҷодкорона таҳия шуда, масъалаи муҳими ҳуқуқи маданиро ба таври амиқу дақиқ ҳал намудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешрафти назариявӣ ва такмили амалии қонунгузории иҷораи молиявии (лизинг) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас дошта бошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Сармутахассиси Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Абдуллозода Ё.М.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш. Душанбе, кучаи Шевченко - 55,
Тел. (+992 37) 985-27-97-80, 221-14-18
E-mail: abdullozoda141290@mail.ru

**Имзои Ё.М. Абдуллозодаро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Исозода Д.О.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш. Душанбе, кӯчаи Шевченко 55
Тел. +992 (37) 221-08-28.
E-mail: info@sud.tj

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • СУДИ ОЛИИ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«04» 12 соли 2025